Тақриз

**ба автореферати Одилова Зайнура Обидовна дар мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст.**

Пажуҳиши масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабӣ аз масоили мубрам ва актуалӣ дар нуму ва густариши илму адаб маҳсуб мешавад. Дар ин росто, масъалаи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ аз ҷумлаи масъалаҳои ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ омӯхтанашуда ба шумор меравад. Маълум аст, ки дар давраҳои гуногун тарҷумаи осори адибони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ, робитаҳои ҳамдигарии адибон, мукотиботу суҳбатҳо, сафарҳои адибон ба кишварҳои ҳамдигар ва ғайра то андозае таҳқиқ шудаанд. Илова бар ин, агарчи баъзе масъалаҳои равобити адабии тоҷику фаронсавӣ дар таҳқиқоти густардаи баъзе донишмандон омӯхта шуда бошанд ҳам, боз дар ин самт масъалаҳое мавҷуданд, ки то ба охир пажуҳиш нагардидаанд. Аз ин ин нуктаи назар, мавзуи мавриди таҳқиқ дар ин диссертатсия, ки ба баррасии масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ ихтисос дорад, дар адабиётшиносии тоҷик аҳаммияти хосса дорад.

Аз фишурдаи диссертатсия бармеояд, ки дар таҳқиқ арзишҳои назариву амалӣ, навгониҳои илмӣ ва масъалаҳои меҳварии барои дифоъ пешниҳодшуда шарҳу тафсир ёфта, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору доираи ҳаҷми кор муназзам баррасӣ ва тавзеҳ ёфтаанд.

Автореферати диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна дар мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» аз муқаддима, се боб ва чордаҳ фаслҳои ба бобҳо мувофиқ ва дахлдор, хулоса ва феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст.

Боби якуми диссертатсия – «**Заминаҳо ва самтҳои асосии робитаҳои адабии Тоҷикистон ва Фаронса**» аз се фасл иборат аст. Фасли якум «**Робитаҳои расмии Тоҷикистон ва Фаронса дар замони муосир**» масъалаҳои алоқаманд ба робитаҳои расмии Тоҷикистон ва Фаронса дар замони муосирро, ки тамоюли рӯ ба рушду тавсеа доранд, ба таҳқиқ фаро гирифтааст. Дар давраи Истиқлоли кишвари мо миёни Тоҷикистон ва Фаронса робитаҳои расмӣ ба роҳ монда шуда, ба ин восита барои робиташиносии адабӣ шароити мусоиди таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ фароҳам оварда шудааст. Дар ин миён муносибатҳо дар соҳаи фарҳангу адаб, тарҷума ва пажуҳиш аз ҷумлаи самтҳои муҳимми ҳамкориҳои дуҷониба пайваста дар густариш аст.

Унвони фасли дуюми боби якуми диссертатсия «**Пешинаи таъсири фарҳангу адаби Фаронса ба ҳаёти адабию фарҳангии халқи тоҷик**» буда,

дар ин фасл, асосан, дар хусуси назару андешаҳои сарвари маорифпарварони бухороӣ Аҳмад Махдуми Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким муфассал истода, чӣ гуна зери таъсири фарҳанги фаронсавию аврупоӣ монданашон бо мисолҳо таъйид шудааст.

Шуруъ аз нимаи дуюми садаи XIX робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ ба сурати мақсаднок ва таъсири мутақобила тавсиа пайдо карда, таваҷҷуҳи маорифпарварон ва ҷавонони тоҷикро ба адабиёту фарҳангҳои пешрафтаи олам, аз ҷумла Русияю Фаронса, ҷалб кард. Дар саргаҳи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ дар давраи нав Аҳмади Дониш ва устод Айнӣ қарор дошта, таъсири адабиёти бузурги фаронсавӣ дар осору андешаҳои онҳо ба таври чашмрас падид меояд.

Фасли сеюми боби якуми диссертатсия **«Самтҳои асосии пайвандҳои адабии тоҷику фаронсавӣ»** ном гирифтааст. Диссертант зимни таҳқиқ аз заминаҳои пайвандҳои адабии тоҷику фаронсавӣ ёдовар шуда, таъкид менамояд, ки дар асрҳои XVIII-XX ба воситаи фаъолияти шарқшиносӣ ва тарҷумаҳо дар мубодилаи фарҳангӣ байни тоҷикону фаронсавиён пайвандҳои адабии устувор ба миён омад, ки то имрӯз идома дорад. Ва ин ҷараён дар давраи нав – замони Истиқлол боз ҳам мустаҳкам гардида, самтҳои нав пайдо кардаанд. Самтҳои нав пайдо кардани муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Фаронса дар замони Истиқлол, пеш аз ҳама, ба фаъолиятҳои мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобастагӣ дорад.

Боби дуюми диссертатсия **«Робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ дар заминаи пажуҳишоти адабӣ»** ном дошта, муаллиф онро ба панҷ фасл ҷудо намудааст. Масъалаи **«Саҳми профессор Шокир Мухтор дар таҳқиқи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ»** дар фасли якуми ҳамин боб ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар ин фасл аз ду самт иборат будани фаъолияти илмии Ш. Мухтор баррасӣ гаштааст. Самти якум, таърихи тарҷума ва таҳқиқи осори мутафаккирону шоирони классику муосирро баррасӣ намудааст ва дар самти дувум, муносибати олимону адибони фаронсавӣ нисбат ба Тоҷикистон муқаррар гаштааст, ки ин тарзи муносибат дар омӯзиши илмии робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ роҳи ҷадиде мекушояд.

Фасли дувуми боби дуюми диссертатсия масъалаи **«Ибаррури Раҷабова – муҳаққиқи робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ»**-ро мавриди омӯзиш қарор додааст. Кори муфассали илмии И. С. Раҷабова, ки дар қолаби монографияи илмӣ ҷамъбаст шудааст, «Таджикско-персидская повествовательная проза в литературном процессе Франции начала XVIII в.» (Ба тоҷикӣ: «Насри ривоятии форсу тоҷик дар ҷараёни адабии Фаронса дар оғози асри XVIII») ба ҳисоб меравад. Аз мундариҷа ва баҳсҳои аслии ин асар маълум мешавад, ки муаллиф ҷусторҳои худро дар бораи Пети де ла Круа ва «Ҳазору як рӯз. Афсонаҳои форсӣ»-и ӯ дар

қолаби монографӣ идома дода, масъалаи таъсири мутақобилаи адабиёти форсу тоҷик ва адабиёти фаронсавиро пайгирӣ кардааст.

Масъалаи «**Айнӣ ва адабиёти Фаронса дар таҳқиқи Д.Ҳ. Бобоева»** дар фасли сеюми боби дуюми диссертатсия таҳқиқ шудааст. Рисолаи ин муҳаққиқ «Садриддин Айнӣ ва адабиёти ҷаҳон» ба таҳқиқи робитаҳои эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ бо эҷодиёти нависандагони бузурги фаронсавӣ бахшида шудааст.

Фасли чоруми боби дуюми диссертатсия «**Таъсири сужаҳои «Ҳазору як шаб» ба насри ривоятии фаронсавӣ дар таҳқиқи Д.О. Маҳмудов»** номида шудааст. Диссертант таъкид мекунад, ки Д. Маҳмудов матнҳои «Ҳазору як шаб» ва шаклҳои ба фаронсавӣ мутобиқшудаи онҳоро дар асоси усули муқоисавӣ-таърихӣ таҳлил намуда, ба натиҷаҳои ҷолиб даст ёфтааст. Масалан, ӯ аз рӯйи сохтори афсонаҳои сеҳрнок ба асарҳои В. Я. Пропп ва инчунин, ба таҳқиқоти Е. Э. Бертелс дар бораи адабиёти форсӣ такя мекунад. Илова бар ин, муҳаққиқ барои омӯзиши эволютсияи қаҳрамонҳои шарқӣ дар адабиёти фаронсавӣ аз таҳлили типологӣ истифода бурдааст.

Дар фасли панҷуми боби дуюми диссертатсия масъалаи «**Низомии Ганҷавӣ ва Фаронса дар таҳқиқи Н.С. Гадоева»** таҳқиқ шудааст. Н. Гадоева омӯзиши раванди пайдоиш ва рушди низомишиносиро дар Фаронса, баррасии ҳолат ва сифати тарҷумаҳои «Хамса»-ро ба забони фаронсавӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия «**Робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ бар мабнои тарҷума ва таъсирпазирӣ»** ном дошта, аз шаш фасл иборат аст. Дар ин фаслҳо доир ба масъалаҳои «Тарҷума ҳамчун воситаи асосии ба вуҷуд омадани робитаҳои адабӣ», «Тарҷумаи асарҳои адибони фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ дар замони шуравӣ», «Тарҷумаи назму насри фаронсавӣ ба забони тоҷикӣ дар даврони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дурнамои тарҷумаи намунаҳои адабиёти Фаронса дар Тоҷикистон», «Таъсирпазирии назму насри даврони шуравии тоҷик аз осори адибони фаронсавӣ» ва «Таъсири адабиёти фаронсавӣ ба назму насри замони Истиқлол» таҳқиқ ба амал бароварда шуда, диссертант паҳлуҳои мухталифи масоили номбурдаро ба таври густурда баррасӣ намудааст.

Дар қисмати хотимавии фишурдаи диссертатсия хулосаҳои пажуҳишии муаллиф дар 10 банд ҷамъбаст шудаанд ва бояд қазоват намуд, ки хулосаҳо илман асоснок шуда, ҷараёни пайвандҳои адабии тоҷикӣ ва фаронсавиро бо далелҳои мушаххас муайян намудаанд.

Новобаста аз он ки автореферати диссертатсия ба ҳама талаботи сохториву илмӣ ҷавобгӯ мебошад, барои баланд бардоштани сифати кор лозим мешуморем, то диссертант ба чанд эроди зер таваҷҷуҳ намояд:

1. Домони фарогирии мавзуъ хеле фарох буда, муъҷаз пажуҳиш шудани он кори муаллифро пурмуҳтаво мекард.

2. Нуктаи дувуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба хотири бо мавзуи таҳқиқ наздиктар сохтан бояд каме ба ислоҳ бурда шавад.

Эродҳои зикршуда аҳаммияти дуюмдараҷа доранд ва ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия халали ҷиддӣ ворид намесозанд. Дар маҷмуъ, автореферат нуктаҳои асосии диссертатсияро фаро гирифтааст ва кори илмии анҷомрасида ҳисоб мешавад.

Мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд. Хулоса, диссертатсияи Одилова Зайнура Обидовна дар мавзуи «Масъалаҳои таҳқиқ, тарҷума ва таъсирпазирӣ дар робитаҳои адабии тоҷику фаронсавӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:** доктори илмҳои филологӣ,
директори Литсейи шаҳри Панҷакент Холов Ҷовид Шодиевич

«10»-уми августи соли 2026

Нишонӣ: 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Панҷакент, кӯчаи Гагарин 2-8,
Тел.: +992 92 7595474
E-mail: javeed@bk.ru

Имзои Холов Ҷовид Шодиевичро тасдиқ мекунам
сардори шуъбаи кадрҳои
Литсейи шаҳри Панҷакент Мӯсозода Шаҳрбону Мӯсо

«10»-уми августи соли 2026

Нишонӣ: 735500, шаҳри Панҷакент
кӯчаи С. Шерозӣ 80,
Тел.: +992 90 6367070